«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, д.и.т., профессор,
________ Ибодуллозода А.И.
«___» ___________ соли 2024

# ХУЛОСАИ

Ҷаласаи якҷояи кафадраҳои педагогикаи умумӣ ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ-и
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумӣ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ - дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ анҷом дода шудааст, дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогикаи умумӣ ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ-и

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Хайруллоев Баҳриддин.

Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич соли 2009 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ-ро бо ихтисоси омӯзгори таҳсилоти ибтидоӣ ва мусиқӣ хатм намуда, фаъолияти илмии худро соли 2019 дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳти роҳбарии н.и.п., Хайруллоев Б. ба корҳои илмӣ шуруъ кардааст. Мавзуи диссертатсия бо қарори Шурои олимони ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 26.12.2020, №5/ 7.12тасдиқ шудааст.

Маърузаи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» шунида шуда,

таърихи педагогика ва таҳсилот таҳти роҳбарии н.и.п., Хайруллоев Б. ба корҳои илмӣ шуруъ кардааст. Мавзуи диссертатсия бо қарори Шурои олимони ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 26.12.2020, №5/ 7.12тасдиқ шудааст.

Маърузаи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» шунида шуда, довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия иштирокчиёни ҷаласа ба довталаб саволҳо дода, ҷавобҳои мувофиқ гирифтанд.

Роҳбари илмӣ Хайруллоев Б. оид ба шахсияти Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич баромад карда, ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии довталаб дар маҷмуъ баҳои мусбат дод.

Муқарри холиси якум, н.и.п. Муродова Ш. таъкид кард, ки диссертатсия ва автореферати Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич бешубҳа, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, хоса дорои забони равони тоҷикӣ буданаш, қобили дастгирист.

Тавре аз омузиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур баремояд, дар илми педагогикаи ҷаҳонӣ масъалаҳо вобаста ба татбиқ, фаъолият ва ташкили таълими фосилавӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои гуногун ҳам дар сатҳи муҳаққиқони алоҳида ва ҳам дар сатҳи ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ ба таври кофӣ омӯхта шудаанд.

Сарчашмаву маълумот оид ба тамоюлҳои умумиҷаҳонии истифодаи технологияҳои таълим, аз ҷумла ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳангоми ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти мусиқӣ ва бозиҳои онҳо дар муассисаҳои таълимӣ муайян намудаанд, ки ин масъала дар радифи дигар илмҳо дар илми педагогика низ васеъ таҳқиқ шудааст.

Роҳ ва усулҳои ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти хоса касб намуда, дар рушди маънавиёти насли наврас муассир арзёбӣ мегардад. Истифодабарии усулҳои ғайрианъанавӣ тавассути дарс барои кушодани моҳияти педагогии маводҳои дидактикии таълимӣ имконияти фарох фароҳам медиҳад. Барои амиқ ва васеъшавии дониши аз бар намудаи педагогӣ, ба донишҷӯён ва муаллимони муассисаҳои ибтидоӣ, асосӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо кӯмак намуда, барои

мустақилона истифодабарии роҳҳо, тарзҳо ва истифодабарии маводҳои дидактикӣ барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ёрӣ мерасонад.

Дар муқаддима мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот ва ҳаллу фасли масъалаҳои гузошташуда методҳои пажӯҳишии зерин ба кор бурда шуданд: таҳлили назариявии адабиёти илмию методӣ; таҳқиқоти илмӣ; омӯзиши таҷрибаи педагогӣ; методҳои ташхисӣ; методҳои таҷрибагузории педагогӣ; методҳои пурсиш, таҳлил ва мушоҳида.

Ба воситаи муайн намудани дараҷаи омӯзиши рисолаи мазкур муҳимият ва аҳамияти мавзӯъро тасдиқ карда, имкон додаанд, ки мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аниқ ва мухтасар ифода карда шавад.

Тавре аз таҳлил бармеояд, автореферат ва натиҷаҳои илмӣ (7 интишорот) бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Ҳамчун муқарриз таклиф кард, ки диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-26-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” ба ҳимоя пешниҳод карда шавад. Худи муаллиф бошад бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Муқарризони холиси дуюми кори диссертатсионӣ, Сатторов А. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллимони калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, пешниҳод кард, ки диссертатсияи унвонҷӯй баъди анҷоми ислоҳи камбудиҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар асоси баромади унвонҷӯ, муқарризон ва иштирокчиён ҷаласаи якҷояи кафедраҳо хулоса кард:

Мусиқӣ яке аз воситаҳои тавонои тарбияи зебоипарастии кӯдакон буда, воқеияти атрофро дар образҳои солим таҷассум мекунад. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар таълими фанни суруд ва мусиқӣ салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоиро ташаккул дода, ва ба фаъолияти суруд ва мусиқӣ ба инкишофи умумии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар синфҳои ибтидоӣ

зимни омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ барои иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ вақти зиёдро бояд ҷудо намуд –зеро он бештар дар дарси суруд ва мусиқӣ ва дар рӯзҳои ид ва рӯзҳои фароғат ва фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ садо медиҳад.

Тарбияи фарҳанги мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамзамон бо инкишофи қобилиятҳои мусиқии онҳо сурат мегирад, ки дар навбати худ дар фаъолияти мусиқӣ инкишоф меёбанд. Он ҳар кадар гуногун ва фаъол бошад, ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамон қадар самаранок ва беҳтар мегардад ва аз ин рӯ, мақсади тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамон қадар бомуваффақият ба амал меояд.

Навгони илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он:

- мазмун ва моҳияти мафҳуми «нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташакули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ» баррасӣ ва шарҳу тафсир шудааст;

- хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ошкор ва муайян карда шудааст;

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст;

- маҷмуи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мураттаб сохта шуда, самаранокии истифодаи онҳо ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди озмоиш ва тасвиб қарор дода шудааст;

- тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва дигар шаклу усулҳои таълим ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард ва ироа шудаанд.

Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод шудаанд:

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- моҳият ва сохтори бозҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, алахусус, дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- самаранокии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибдидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни таълим бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ба ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ ворид намудани маҷмуи бозиҳои гуногуни мусиқӣ-дидактикӣ ба манзури ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз асосноккунии равишҳои илмии таҳқиқи масоили истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол иборат буда, натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, амалӣ карда шавад. Муносибат ва равишҳои педагогӣ асоснок ва истифода карда шуданд, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, ба татбиқи амалии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ мусоидат мекунанд.

Дар заминаи таҳлилу коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тавсияҳои психологӣ-педагогӣ таҳия ва коркард шуданд, ки онҳо ба беҳдошти раванди корҳои таълиму тарбиявӣ ва ташаккули салоҳиятҳои суруд ва мусиқӣ аз давраи таҳсили синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар назар дошта шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи довталаб мазмуни диссертатсияро пурра ифода мекунанд. Номгӯй мақолаҳои илмии зерини унвонҷӯй дар маҷаллаҳои тахризшавнда ба табъ расидаанд:

**I. Дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда:**

[1-А] Боев Ш. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳияти эҷодии синфҳои ибтидоӣ // Матн» // Ш. Боев // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2022, №2(38). – С. 140-145) . ISSN 2617- 5620.

[2-А] Боев Ш. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ // Матн» / Ш. Боев. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2023, №3(43). - С. 215- 219. ISSN 2617- 5320

[3-А] Боев Ш., Хайруллоев Б. Нақши машгулиятҳои суруд ва мусиқӣ дар рушти салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ // Матн» / Ш. Боев, Б. Хайруллоев // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2023, №2(42). - С. 224- 230. ISSN 2617- 5620.

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[4-А] Боев Ш Шароитҳои педагоги самаранокии ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактики дар татбиқи барномаи“калейдоскопи мусиқӣ / Матн // Ш. Боев // Маҷмуаи маводи Конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи “Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар талим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа” - Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ Тоҷикистонба номи Садриддин Айни, 2023. - С. 359-364.

[5-А] Боев Ш.Мазмуни кор оид ба та шаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти бозии дидактикӣ -мусиқӣ тавассути дарсҳои суруд ва мусиқӣ / Матн” // Ш. Боев // Маҷмуаи маводи Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалии таҳти унвони “Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии тарбияи кӯдакон” - Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2023. – С. 115-119. ISBN 978 -99985-36-58-6

[6-А] А.Боев Ш. Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ” “Матн” /Боев Ш.// Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ- амалӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». - Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, 2022. - С. 40-45.

[7-А] Боев Ш. Истифодаи бозиҳои дидиктикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидои / Матн / Ш. Боев // Маҷмуаи маводи Конфиеренсияи ҷумҳурияви илмию амалӣ «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир” Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2021. - С. 337- 343.

[8-А] Боев Ш. Роҳҳои ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни иҷрои бозиҳои дидактикӣ мавриди истифода бурдани супоришҳои таъсирасонандаи омӯзгор / Матн / Ш. Боев // Маводи мизи

мудаввар // Колеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишггоҳи давлатии омӯзгорӣ Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни, 2022. - С.75-80.

[9-А] Боев Ш. Моҳият ва сохтори бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ / Матн / Ш. Боев // Маводи Конференсия ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир» - Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2022. С. 95-99.

[10-А] Боев Ш., Маҷидов У. Самаранокии дарси суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ / Матн / Ш. Боев, У. Маҷидов // Маводи Конференсия ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ташаккули қобиляти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир» - Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2022. - С. 188-192.

[11-А] Боев Ш. Хайруллоев Б. Роҳои ташаккули завқи зебоипарастии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси суруд ва мусиқӣ / Матн / Ш. Боев, Б. Хайруллоев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии тарбияи кӯдакон”// Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - 2023. – С. 50-52. ISBN 978 -99985-36-58-6.

[12-А] Боев Ш., Хайруллоев Б. Мақсад ва ҳадафҳои тарбияи суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ / Матн / Ш. Боев, Б. Хайруллоев // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии тарбияии кӯдакон // Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2023. – С. 320-322. ISBN 978 -99985-36-58-6.

[13-А] Боев Ш. Хайруллоев Б. Методикаи омӯзиши суруди “Чархи фалак” “Матн” /Боев Ш.Хайруллоев Б// Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ // Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2023. – С. 270-272. ISBN 978-99985-865-5-0.

[14-А] Боев Ш. Роҳҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимию донишандӯзии хонандагон / Матн / Ш. Боев // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ таҳти унвони «Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир» // Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2021. – С. 277-281.

[15-А] Боев Ш. Тарбияи суруд ва мусиқӣ дар мактаб / Матн /Ш. Боев // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Омода намудани мутахасисони теехникӣ дар шароити саноаткунонии кишвар» // Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2020. – С. 156-158.

[16-А] Боев Ш., Маҷидов У. Мақомхонӣ ва таърихи пайдоиши он / Матн / Ш. Боев, У. Маҷидов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Фаъолияти психологӣ муассисаи таълимӣ мушкилот ва дурнамо” // Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2020. – С. 216-220.

Диссертатсияи номзадии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи “Нақши бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ буда, ба талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат мекунад.

Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсияягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Муаллифи диссертатсия бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогикаи умумӣ ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ – бадеӣ бо дарназардошти баромади унвонҷӯ, роҳбари илмӣ, муқарризони холис ва иштирокчиён

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи номзадии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи “Нақши бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»(Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз30.06.2021) омода гардидааст.

2. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муҳаққиқ ба ҷанбаҳои назариявию амалии соҳаи педагогика, аз ҷумла методика муътамадона мусоидат менамоянд.

3. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳои диссертатсионии ӯ асоснок мебошанд. Таҳқиқот дар заминаи маҷмӯи калони маълумоти таҷрибавӣ, ҳадафҳои гузошташуда ба нишон расидаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси методологияи диди системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси педагогӣ шакл гирифтааст.

4. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо далелнокии методологии муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқи илман асоснокшудаи таҳқиқи масъала; интихоби методҳои ба предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ; таҳлили омории маълумоте, ки аз рӯйи ҷамъбасти ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқ ба даст омадаанд, таъмин мегардад.

5. Диссертатсияи номзадии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи "Нақши бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-26-и назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 2 январи соли 2024, протоколи №10/5 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар номзади илм, 4 нафар муаллими калон, 1 нафар ассистент ва 1-нафар лаборант.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №10/5 аз 02.01.2024.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
педагогикаи умумии "МДТ ДДОТ"
ба номи Садриддин Айнӣ» Мансурова Ҷ.С.

Муқаризон:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т.А.

номзади илмҳои педагогӣ Муродова Ш.С.

Котиби ҷаласа Арбобова Ф.А.

Имзои Мансурова Ҷ.С.,Самиев Т.А., Муродова Ш.С.
ва Арбобова Ф.А.- ро тасдиқ менамоям:

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А.Мустафозода

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj